**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**ба диссертатсияи номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Масоили омӯзиши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ҳамчун илм ба монанди соҳаҳои дигари забоншиносии муосир таърихи тулонӣ дошта, аз давраҳои аввали пайдоши забон сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, мавриди пажӯҳиш қарор додани “Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” аз ҷониби унвонҷӯ Муродова Парвина Бобоҷоновна саривақтӣ буда, бо таҳқиқи **ин мавзуи муҳимми** забоншиносӣ қадамҳои нахустин дар пажӯҳиши истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гузошта мешавад. Муҳтавои диссертатсияи Муродова Парвина бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.**

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аниқу равшан мегардад, ки дар диссертатсия бори аввал таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар мисоли забонҳои тоҷикиву англисӣ ба сифати мавзуи алоҳида ба таври системавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба ҳайси таҳқиқи рисолаи илмӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, давраҳои ташаккул ва сарчашмаҳои таърихии пайдоиши истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ бори нахуст дар кори диссертатсионии мазкур ба таври муфассал ва густурда нишон дода шуда, манбаъҳои ба вуҷуд омадани истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки бар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ тасниф карда мешавад. Ғайр аз ин, аввалин маротиба тафсири истилоҳоти ҳарбӣ дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ, хусусиятҳои овозиву дастурии онҳо дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, роҳу воситаҳои дохиливу хориҷии вожа - истилоҳоти ҳарбӣ аз нигоҳи маъноиву сохторӣ баррасӣ гардидааст.

Аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия масоили муҳимми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, мафҳум ва моҳияти истилоҳоти ҳарбӣ, ки муҳимтарин паҳлуҳои забоншиносии муосиранд, аз нигоҳи назариявӣ ба таври хеле дақиқу равшан мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Асосҳои экстролингвистии назарияи мазкур, ки то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик ва хориҷӣ ба таври мушаххас баррасӣ нагардида буд, дар таҳқиқи мазкур ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шуда,

ҷиҳатҳои бисёр печидаву норавшани истилоҳсозии соҳаи ҳарбӣ нишон дода шудаанд. Бинобар ин, бахши назариявии рисолаи мазкур барои муҳаққиқони забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика), решашиносӣ ва шинохти истилоҳоту вожагон (когнитивӣ), ҷиҳати омӯзишу пажӯҳиши масоили мухталифи истилоҳшиносиву вожашиносӣ аз қабили ташаккулу таҳаввул, рушду инкишофи андешаҳои пешрафтаи калимаву таркибсозӣ дар таърихи афкори забоншиносии миллӣ, аҳаммияти истилоҳоти илмиву забони илм, сарчашмаҳои асосии рушду такомули он, ҳамчунин таърихи пайдоиш, давраҳои ташаккули он метавонад ёрии ҳаматарафа расонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир ёбад, ки натиҷаҳои илмӣ ва маводи забонии диссертатсияро метавон дар ҷараёни дарсҳои лексионӣ, амалӣ аз фанҳои забоншиносии таърихиву қавмӣ, иҷтимоӣ, решашиносӣ, таърихи забоншиносии тоҷик ва курсу семинарҳои махсус мавриди истифода намуд. Инчунин маводи амалии диссертатсия дар таҳия ва омода намудани фарҳангномаҳои соҳавӣ, дузабона, бисёрзабона ва таълифоти китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ дорои хусусиятҳои хоси амалӣ буда, дар таҳлилу таълифи рисолаҳои илмӣ, аз қабили корҳои курсӣ, рисолаи хатм, рисолаи магистрӣ, доктор аз рӯйи ихтисос, номзадӣ метавонад ҳамчун маводи илмӣ ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ кумаки бевосита расонад.

Кори таҳқиқии мазкур, қабл аз ҳама, бар асоси пояи асарҳо ва сарчашмаҳои муътамади илмӣ навишта шуда, таҳлилу масоили баррасишуда ва фикру андешаҳо, назарияҳои пешниҳодгардидаи он бо далелҳои илмӣ баррасӣ гардида, теъдоди зарурии адабиёти илмӣ ва луғату фарҳангномаҳо дар таҳияи он мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Муҳтавои асосии диссертатсия** ва натиҷагирӣ аз он дар **10 мақолаи илмӣ** фароҳам оварда шудааст, ки аз ин миқдор 7 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Маводи нашргардида масоили асосии таҳқиқиро фаро гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Сохтори диссертатсияро муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқ ва феҳристи адабиёт фарогир буда, дар охир нашри таълифоти илмии довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, мақсади таҳқиқ,

вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти амалӣ ва назарии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, татбиқи хулосаву натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби якуми диссертатсия "Заминаҳои назариявии омӯзиши муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном дошта, фарогири панҷ бахш мебошад. Дар зербобҳои боби якуми диссертатсия масоили мухталифи истилоҳоти ҳарбӣ ҳамчун падидаи забоншиносӣ, таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти ҳарбӣ дар забони адабии тоҷик, омӯзиши амиқу ҳаматарафаи истилоҳот ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Маводи ин боби диссертатсияро ба сифати эътимодтарин мавод ва ё сарчашмаи илмӣ барои таҳқиқи забоншиносии дохиливу хориҷӣ маҳсуб донистан мумкин аст, ки маводи таърихии он арзиши баланди илмӣ дорад.

Боби дувуми рисола "Шарҳу тафсири маъноии вожаю истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат мебошад.

Дар зерфаслҳои боби дувуми диссертатсия масоили гуногуни шарҳи маънои истилоҳот дар забонҳои мавриди муқоисашаванда, равандҳо ва роҳу воситаҳои калимасозӣ дар соҳаи истилоҳоти ҳарбии забонҳои тоҷикиву англисӣ, усулҳои аффиксии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, усули пасвандии ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ, усули синтаксисии ташаккули истилоҳот мавриди пажӯҳиши аниқ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки "Шарҳу тавзеҳи этимологии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном дорад, масъалаҳои марбут ба шарҳи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, шарҳи истилоҳоти ҳарбии арабӣ, русӣ, лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва нақши онҳо дар рушду такомули забонҳои муқоисашаванда, нақши тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ, анвои иқтибос таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада дар 17 банд ҷамъбаст гардида, арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи диссертатсионӣ муфассал зикр ёфтааст. Инчунин, масоили марбут ба "Таҳлили муқоисавии вожа – истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки дар натиҷаи таҳқиқи мазкур дар диссертатсия масъалаҳои истилоҳшиносӣ, истилоҳсозӣ, меъёри интихоби истилоҳ аз нигоҳи назариявӣ ба таври дақиқу равшан

мавриди таҳлил қарор гирифта, паҳлуҳои печидаву норавшани он нишон дода шудаанд.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ-забоншиносӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ-оморӣ таълиф гардида, то андозае таҳлили этимологӣ ва маъноӣ низ анҷом дода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ ҷамъбасти хулосаҳои таҳқиқро пешниҳод намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо додааст.

Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Муродова Парвина Бобоҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикӣ ва усули
таълими забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тӯраҳасанов Қ.Ш
«12» марти соли 2024.

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Восеъ, 172.
Телефон: (+992) 918-15-43-10.
E-mail: kodirturakhasanov@mail.ru

Имзои Қ.Ш. Тӯраҳасановро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj